**Такриз**

**ба диссертатсияи Ғаюров Лоиқ Шералевич дар мавзуи “Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлатии Тоҷикистон” (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ)**

Дар ҳама давру замон мутаффакирон ба масъалаи илм ва маориф диққати махсус медоданд, чунки ин ду омил воситаи асосии ташаккуёбии шахс ва ҷомеа маҳсуб меёбанд. Махсусан ин масъалаи ҳаётан муҳим дар давраҳои нав ва навтарини ҳаёти ҷомеа вобаста ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ мақоми навро гирифт. Чунки бе ҳамкории маориф ва илм тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, ки тавонанд рушди ҳамаи ҷанбаҳои ҷомеаро таъмин намояд имконнопазир аст. Вобаста ба ин дар шароити муосири Тоҷикистон, чуноне ки диссертант Ғаюров Л.Ш. дар муқаддимаи кори илмиаш зикр менамояд, “барои таҳқиқи баҳамалоқамандии илм ва маориф тадбирҳои амалӣ андешида мешаванд”. Читавре ки аз Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 ва аз дигар ҳуҷҷатҳои расмӣ ба назар мерасад, мақсади асоси дар ин соҳа тақвият додани ҳамгироии муассисаҳои илмӣ-таҳкиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошанд. Дар қисми муққаддимаи диссертатсия инчунин оварда шудааст, ки “Сатҳи ҳамкориҳои неруҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба мақсади тайёр кардани кадрҳои илмии тахасусси олӣ ва мутахассисон ҳанӯз ба талаботҳои замони муосир ҷавобгӯ нест”.

Бояд зикр кард, ки диссертант дар қисми муқаддимаи кори илмии худ мубрамияти онро ҳаматарафа баррасӣ намудааст. Диссертант аз маводҳои зиёди таърихии ба ин масъала бахшида шуда, ақидаҳои мутаффакирон, олимони хориҷи ва ватаниро овардааст, ки дар он мақеи илмро дар ҳаёт фардӣ, шахсӣ ва ҷамъият ба таври мушахас баррасӣ

кардааст. Инчунин диссертант навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро овардааст, ки мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамояд ва сохтори диссертатсия ба талаботи КОА мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз ду боб ва 6 зербоб иборат буда, ҳаҷми умумии он 182 саҳифаро ташкил медиҳад.

Боби якуми диссертатсия **“Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи масъалаи боҳамалоқамандии илм ва маориф”** номгузори шуда, се параграфро дарбар мегирад. Параграфи якум “ташаккулёбии илм ва маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва баҳамалоқамандии онҳо дар раванди таърих” ном дошта, дар он баҳамалоқамандии илму маориф ва нақши он дар истеҳсолот ва умуман дар ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ муҳим арзёби шудааст ва нисбати ин масъала диссертант бамақеъ қайд мекунад, ки “рушди илм бе маориф ва маориф бе илм имконнопазир аст”. Вобаста ба ин дар рисола робитаи мафҳуми ҳамгироӣ бо баҳамалоқамандӣ ҳамчун категорияи фалсафаи иҷтимоӣ барасӣ шуда, мазмуни онҳо дар шароити гуногуни таърихи ба таври возеҳ нишон дода шудааст.

Дар қисми методологии диссертатсия мафҳумҳои истифодашуда ба монанди институт, муассиса, институтишавии илм, муассисаи иҷтимоӣ, ки дараҷаи муайянкунии ин ё он фаъолияти инсонро дарбар мегирад, мутобиқан ба мавзӯи рисола шарҳ дода шудааст, ки ин яке аз комёбиҳои муҳимми таҳқиқот ба шумор меравад.

Муалифи рисола нақши ягонагии маориф ва илмро баррасӣ намуда, баҳамалоқаманди илму маорифро аз зарурияти тарбия намудани мутахассисони ба талаботи муосири тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ҷавобгӯро бо далелҳои қотеъи таърихи ва талаботи муосир нишон додааст. Чунки ҳалли мусбати мушкилотҳои баҳсталаби иҷтимоию

фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷамъият аз баҳамалоқамандии нерӯҳои зеҳнии ҷамъият, махсусан маориф ва илм вобаста мебошад.

Ҷанбаҳои фалсафаи маориф ва илм натанҳо аз нуқтаи назари иҷтимоӣ- фалсафӣ таҳлил шудааст, балки ҷиҳатҳои педагогӣ ва психологии он низ ба таври мушахас баррасӣ шудааст. Нисбати ин масъала муаллифи диссертатсия ақидаҳои гуногуни олимонро дар асоси мафҳуми ҳамгироӣ таҳлил намуда, ба хулоса меояд, ки ҳамгироӣ ҳамчун синтези маводи таълимӣ дар сатҳи мушкилоти ҷаҳонишавии шахс ва воқеияти атроф мебошад. Бинобар ин дар сурати дуруст ба роҳ мондани раванди боҳамалоқамандии илм ва маориф, зикр мекунад диссертант, низоми маориф ба ҷузъи тавонои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии кишварҳо табдил меёбад.

Дар параграфи дуюми боби як боҳамалоқамандии илм ва маориф аз нуқтаи назари иҷтимоӣ-фалсафӣ таҳлил шудааст. Дар ин қисми кор дисертант моҳияти ҳамгироии маориф ва илмро ҳамчун воситаи ба даст даровардани ақидаҳои нав дар донишҳои илмӣ-тахассусӣ таҳлил намуда ду ҷиҳати ҳамгироии маориф ва илмро (истеҳсолкунанда ва татбиққунанда)-ро нишон додааст, ки дар натиҷаи он тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир дар бозори меҳнат муҳим маҳсуб меёбад.

Дар асоси таҳлилӣ ҷанбаҳои иҷтимоиву фалсафии баҳамалоқамандии илм ва маориф диссертант нисбати ин раванд дар мисоли ҷумҳурӣ дар 26-пункт хулосаҳои худро ҷамъбаст намуда, дар ин самт пешниҳодҳои мушахас кардааст.

Дар қисми сеюми боби якум диссертант таҷрибаи ҷаҳонии боҳамалоқамандии илму маорифро баррасӣ намуда, онро аз нуқтаи назари нерӯи зеҳнӣ ва дар заминаи ин истифодаи технологияи муосир ҳамчун асоси рушди иқтисодиёт ва ҷанбаҳои гуногуни истеҳсолот таҳлил намудааст. Омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ ва татбиқи он дар шароити

муосири ҷомеа раванди тӯлонӣ мебошад ва читавре ки дар диссертатсия оварда шудааст, ҷанбаи муҳими такмил ва татбиқи консепсияи миллии ҳамгироии илм, маориф ва истеҳсолот мебошад. Диссертант моделҳои нави ҳамгироиро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаи баъзе кишварҳои Европои ва Осиёг оварда дар он нақши паркҳои илмӣ, марказҳои хизматрасонии технологияҳои инноватсиони, бунёди технополисҳо ва дигар намудҳои онро овардааст, ки дар муассисаҳои таҳқиқотӣ ва донишгоҳҳо ба идоракунии моликияти зеҳнӣ, интиқоли донишҳо ва ҳавасмандгардонии инноватсия ва рақобатпазирии истеҳсолоти саноатӣ мусоидат мекунад. Диссертант бомаврид қайд менамояд, ки ҳамгироии илм, маориф ва истеҳсолот омили муҳими рушди инноватсионии бисёр кишварҳо ба ҳисоб меравад. Бинобар ин гузариши бомуваффақият ба роҳи инноватсионии рушд дар кишвар иқтидори баланди илмӣ-техникӣ, пеш аз ҳама, кадрҳои илмӣ ва шабакаи васеи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимиро, ки донишҳои илмию техникӣ истеҳсол мекунанд, талаб мекунад.

Умуман дар боби якуми диссертатсия ҷанбаҳои назарияви-методологӣ ва амалии боҳамалоқамандии илм ва маориф дар асоси омӯзиши назарияҳо нисбати мавзӯи таҳқиқшаванда, таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои хоси он дар шароити муосир ҳаматарафа баррасӣ шудааст.

Боби дуюми диссертатсия, **“Стратегияи баҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо”** номгузори шуда, дар он ҳолати баҳам алоқамандии илм ва маориф дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон нишон дода шудааст. Читавре ки маълум аст рушди давлатдори ва мудофиаи кишвар бе ҳеҷ шак ба масъалаи тарбияи мутахассисон ва кадрҳои ба талаботи замон ҷавобгӯ вобаста буда, асоси ташаккулёбии захираҳои инсони ба шумор меравад.

Бинобар ҳамин ҳам бе рушди илм ва мариф ба рушди устувор расидан имконнопазир аст.

Диссертант махсусан ҳамгироии соҳаи илм ва маорифро ҳамчун қисми асосии рушди устувор тавсиф намуда, муҳимияти ҳамкориро дар самтҳои илм, маориф, иқтисод, сиёсат, истеҳсолот ва нақши нерўҳои солимро дар ин самт муҳим арзёби мекунад. Илова ба ин дар диссертатсия оварда шудааст, ки дар замонҳои қадим бо рушди илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва табиатшиносӣ донишҳои илмӣ аз натурфалсафаи ягона ба илмҳои алоҳида ҷудо карда шуданд ва вобаста ба самти таҳқиқот, фаъолияти касбию соҳавии олимон маҳдуд гардида, онҳо ба мутахассисони соҳавӣ табдил ёфтанд ва кашфиётҳои илмҳои табиатшиносӣ ҷаҳонбинии инсонро нисбат ба ҷамъият ва табиат тағйир дод ва вобаста ба ин ба назар нагирифтани ҳамоҳангии таҳқиқи фанҳои табиатшиносӣ ва ҷамъиятӣ боиси бўҳронҳои соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъияти гардиданд. Пас ҳадафи асосии интегратсияи илм ва нерўҳои зеҳнӣ ҳалли самараноки масъалаҳои иҷтимою иқтисодӣ ва таъмини рушди устувор мебошад.

Нисбати ин масъала қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015” қабул гардид, ки намудҳои асосии ҳамгироии илми-академӣ ва мактабҳои олӣ, ҳамгироии илмҳои фундаменталӣ ва таҳсилоти олии касбӣ, илм ва истеҳсолот, ҳамгироии дар самти кадрҳои илмӣ ва муттаҳид намудани нерўи зеҳнии кишвар оварда шуда, воқеияти амали шудани он, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии он дар асоси таҳлили муқоисавӣ бо якчанд кишварҳои хориҷӣ баррасӣ шудааст.

Дар параграфи дуюми боби дуюми диссертатсия хусусияти хоси таҳсилоти олӣ ҳамчун воситаи пешрафти илм, техника-технология ва истифодаи он барои самаранокии истеҳсолот аз нуқтаи назари рушди

илми академикӣ таҳлил шудааст. Дар ҳақиқат таҳсилоти олии босифат самти афзалиятноки рушди техникӣ технологӣ ва илмӣ академӣ маҳсуб ёфта, воситаи асосии пешравии истеҳсолот ва рушди ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ ва ҳалли мусбати масъалаҳои иҷтимоӣ дар шароити муосири ҷумҳурӣ бояд нақши муҳим дошта бошад. Чунки афзоиши таҳсилоти олӣ дар рушди ҷомеа ҳамчун тамоюли ҷаҳонӣ аз он иборат аст, ки он на танҳо донишҳои навро тавлид мекунад, балки онро бо захираҳои меҳнатӣ пайваст мекунад. Диссертант бамаврид қайд мекунад, ки бешубҳа ташаккули шакли нави тафафакури мутахассисони оянда бо он нақшаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ алоқаманд аст, ки дар он соҳаи дониш (илм) тақсимоти маълуми илмро ба табиатшиносӣ, фанҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ инъикос менамояд.

Дар диссертатсия ду самти ҳамгироии илм ва муассисаи олӣ дар Тоҷикистон нишон дода шудааст. Самти аввал, солҳои 90-умро дар бар мегирад, ки он вақт институтикунонии пажӯҳишгоҳҳои илмии АМИТ мебошад, ки бо факултетҳо ва кафедраҳои дахлдори донишгоҳҳо дар сатҳи сиёсати давлатии илмию техникӣ ва таълимӣ таҳия мешуданд ва он нишонаи сатҳи баланди ҳамгирои маҳсуб меёбад. Муваффақиятҳои ин самти ҳамгироиро диссертант дар ташкил намудани марказҳои якҷояи илмӣ академӣ, кафедраҳо ва лабараторияҳо, зиёд намудани шумораибарномаҳои таълим дар сатҳи таълим ва таҳқиқот бо ҳифзи рисолаҳои илмӣ ва ғайраҳо бо 5-пункт асосонок карда шудааст. Баробари ин вазифаҳои марҳилаи имрӯзаи ҳамгироии илмҳои академӣ ва таҳсилоти олӣ ба таври мухтасар нишон дода шудааст.

Самти дуюмро ҳамчун қисми шаклнагирифтаи ҳамгироӣ тасниф мекунад, ки моҳиятан на ба таъсири илм ва таҳсилоти олӣ, балки ба омехташавии номуайяни онҳо асос ёфтааст. Мувофиқи ин модел нерӯи эҷодӣ, зеҳнӣ ва шахсии мутахассис ба шакли нави зеҳнӣ, мукамалии

масъалаҳои иҷтимоӣ, ягонагии усулҳои таҳқиқоти назариявӣ, эмпирикӣ ва ғайраҳо бояд мувофиқ бошад.

Дар қисми охирини боби дуюми диссертатсия ба масъалаи инноватсия дар Ҷумҳурӣ ҳамчун нерӯи зеҳнӣ ва омили асосии ба даст даровардани донишҳои нав, ки рушди устувор, пешравии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро таъмин менамояд, таҳлил шудааст. Ва нисбати ин масъала таҷрибаи давлатҳои Япония, Германия ва дигар кишварҳоро баррасӣ намуда, диссертант зикр менамояд, ки пешрафти онҳо дар иқтисодиёт пеш аз ҳама ба рушди маорифу илм вобаста буда, асоси иқтидори зеҳнӣ ва ақлонии онҳоро ташкил медиҳад. Натиҷаи иқтидори зеҳнӣ буд, ки бо истифода аз он аксарияти давлатҳо ба монанди ИМА, Россия, Олмон ва дигар давлатҳо аз технологияи навин истифода намуда ба сатҳи баланди тараққиёт расиданд.

Ҳукумати Тоҷикистон низ аз рӯзи нахустини мавҷудияти худ ба соҳаи маорифу илм таваҷҷуҳ зоҳир намуда ин ду омилро ҳамчун воситаи рушди ҷомеа дар асоси қонун ва қарорҳои худ дар мадди аввал гузошт, чунки бе истифодаи технология, рушди устуворро таъмин намудан ғайриимкон аст. Дар диссертатсия қонуну қарорҳои ҳукумат доир ба рушди илму техника, маориф ва низоми маблағгузори ба илму маориф вобаста ба шароити муосир таҳлил ва баррасӣ шуда, моҳияти амалии онҳо нишон дода шудааст.

Бояд зикр кард, ки дар шароити муосир бе илму инноватсия, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии техникӣ инкишофи босуръати саноатро таъмин кардан мушкил аст, бинобар ин ҳукумати кишвар ба омилҳои зикршуда аҳамияти махсус медиҳад.

Хулосаи диссертатсия дар асоси таҳлили бобҳои параграфҳо бароварда шуда, мазмуни диссертатсияро пурра инъикос мекунад.

Тавсияҳои диссертант доир ба масъалаҳои баҳамалоқамандии маориф ва илм барои пешрафти техникӣ-технологӣ, истеҳсолот ва рақобатпазири дар бозори меҳнат метавонад кӯмак расонад.

Забони илмии диссертатсия, тарзи баён ва масъалагузори вобаста ба мавзӯи интихобшуда мантиқан дуруст буда, ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Бо вуҷуди муваффақиятҳои илмӣ ва амалии дар диссертатсия овардашуда дар диссертатсия баъзе камбудиҳои характери назариявӣ ва имлоӣ дошта ба назар мерасанд.

1.Диссертант моҳияти модели репродуктивиро дар раванди таҳсилот (таълим) баррасӣ намуда, доир ба модели продуктивии таҳсилот ва фарқияту бартарии онҳо маълумоти кофӣ наовардааст.

2. Хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ дар диссертатсия дар саҳифаҳои 29, 32, 33, 41 ва саҳифаҳои дигар ба назар мерасанд.

Новобаста аз камбудиҳои дар боло зикршуда, дар маҷмӯ диссертатсия ба талаботи илмии пешниҳодшудаи Комиссияи олии атестатсиони назди Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба гирифтани унвони илмии доктори фалсафа (PhD)-аз рӯйи ихтиссоси 6D020100-Фалсафа (6D020106-Фалсафаи иҷтимоӣ) сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
сарходими илмии шуъбаи
сотсиологияи Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинови АМИТ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор Қаҳҳоров, Ғ.Ғ.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
хиёбони Рӯдакӣ 17,
Тел.: (+992) 937745900

**Имзои д.и.ф,** профессор Қаҳҳоров, Ғ.Ғ. - **ро тасдиқ менамоям:**
Нозири кадрҳо Шозедов Х.

14. 11. 2023